# ТАҚРИЗ

**ба авторефетати диссертатсияи Умедҷони Лоиқшо дар мавзуи «Баррасии лингвистии диалектизмҳо дар осори Сорбон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. -Душанбе, 2024. –53с.**

Мусаллам аст, ки шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ яке аз манбаъҳои муҳимми ташаккул ва рушду инкишофи забони адабии тоҷикӣ маҳсуб ёфта, забони адабӣ ҷойҳои холии таркиби луғавии худро дар ҳама давру замон маҳз аз ҳисоби унсурҳои умумишавандаи лаҳҷаю гӯишҳои маҳаллӣ такмил медод, ки ин раванди таърихӣ имрӯз ҳам идома ёфта истодааст. Воқеан, ин як омили арзишманди ба меъёрҳои солим табдил ёфтани воҳидҳои гӯйишӣ дар забони адабист. Дар ҳақиқат, имкониятҳои захираи луғати лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ хеле фаровон аст ва лаҳҷаҳо дар ҳар мавриди мусоид метавонанд вожаҳои софу беолоиши таркиби худро ба ихтиёри забони адабӣ гузоранд.

Ба мавзуи «Баррасии лингвистии диалектизмҳо дар осори Сорбон» даст задани Умедҷони Лоиқшо ҳам бе сабаб нест. Чунки корбурди диалектизмҳо дар осори бадеӣ, ба хусус дар осори адиби тавоно Сорбон зуҳуроти тасодуфӣ набуда, балки мақсаднок аст.

Аз рӯйи автореферат маълум мегардад, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаву тавсияҳо ва номгуи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима оид ба мубрамиятии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода мешавад.

Боби якум «Диалектизмҳо, мафҳум, таъинот ва зарурати истифодаи онҳо дар асарҳои Сорбон» ном дошта, аз фаслҳои «Мафҳуми диалектизм», «Тавзеҳи диалектизм дар забоншиносии тоҷик», «Вазифаи диалектизмҳо дар забони асарҳои Сорбон» ва «Маҳорати эҷодии Сорбон дар корбурди диалектизмҳо» иборат буда, мавриди таҳқиқи диссертант қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия «Таснифоти диалектизмҳо ва таҳқиқи луғавию маъноии онҳо дар осори Сорбон» номгузорӣ шуда, аз чор фаслу се зерфасл таркиб ёфтааст. Масоили муҳимми мавзуи таққиқшаванда, яъне масоили таснифоти диалектизмҳо, диалектизмҳои фонетикӣ, диалектизмҳои лексикӣ ва диалектизмҳои семантикӣ хеле ҷолиб ва бо далелҳои раднопазир таҳқиқу баррасӣ гардидаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Гурӯҳбандии мавзуии диалектизмҳо ва хусусиятҳои луғавию семантикии онҳо дар осори Сорбон» ном дошта, дар

фаслу зермаслҳои он доир ба инъикоси ҳодисаву воқеаҳо дар осори таҳқиқшаванда бо истифода аз калимаҳои умумихалқӣ ва диалектизмҳои маҳаллӣ ва ифодаи маъною вазифаи онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар боби мазкур хусусиятҳо ва корбурди диалектизмҳои предметӣ ва ғайрипредметӣ барои дарки моҳияти асари бадеӣ ва таснифу гурӯҳбандии онҳо дар такя ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии ба лексикаи лаҳҷаву шеваҳои марбутаи муҳаққиқон дар заминаи маводи фаровон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар охири автореферат хулосаи таҳқиқот (дар 16 банд), тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот (дар 5 банд) ва рӯйхати мақолаҳои илмии муаллиф оварда шудааст.

Автореферати диссертатсия бо забони сода ва равону суфта, вале илмӣ иншо шуда, дар маҷмуъ, бо варианти русияш мувофиқат мекунад. Дар баробари муваффақиятҳо баъзе камбудиҳои хусусияти таҳрирӣ дида мешавад. Аз ҷумла:

1. Дар саҳифаи 8 дар ҷумлаи якуми вазифаҳои таҳқиқ хатогии услубӣ ба чашм мерасад.
2. Хуб мебуд, ки дар мафҳумҳои *давраи истиқлоли миллию давлатӣ* (саҳ.3, 18), *солҳои аввали истиқлол* (саҳ.3), *давраи истиқлол* (саҳ.8) новобаста аз ифодаи замон *истиқлол* ҳамчун исми хос зикр мешуд.
3. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои хусусияти имлоӣ (саҳ.3, 5, 13), китобатӣ (саҳ.6, 17) ва техникӣ (саҳ.15, 16) ба назар мерасад.

Нуқсонҳои зикргардида арзиши илмии таҳқиқро ҳаргиз коста намекунанд. Автореферати диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Умедҷони Л. бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ таъйин шудаанд, мувофиқат мекунад.

Унвонҷӯ Умедҷони Лоиқшо доир ба моҳияти асосии рисола 9 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки 6 адади онҳо дар саҳифаҳои маҷаллаҳои таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Умедҷони Лоиқшо дар мавзуи «Баррасии лингвистии диалектизмҳо дар осори Сорбон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани

дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарриз:**
**номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** __________ **Саидов Нуралӣ Сангалиевич**

**Маълумот дар бораи иртибот:**
**734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33**
**E-mail: nurali.saidov.86@inbox.ru**
**Телефон: (+992) 988 88 25 66**

**Имзои дотсент Н.С. Саидовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИДНПҶТ** __________ **Ғаюров Ф.З.**

“21” уми майи 2024.